# Сардори шуъбаи танзими истилоҳот

Ношир: Ҳайати тадорукот Санаи интишор: 2 Январ, 2017 - 09:33
[1]

**Зулфониён Раҳим Раҷабзода**

Тел.: (992 37) 227-64-51; 227-59-40

Почтаи электронӣ: kumitaizabon@mail.ru [2]

Самтҳои фаъолияти шуъбаи танзими истилоҳот:

Оид ба такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба забони давлатӣ таклифу пешниҳодҳо таҳия менамояд; - оид ба лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии омоданамудаи мақомоти болоӣ ва дигар мақомоти давлатӣ тибқи тартиби муқаррааргардида аз лиҳози танзими истилоҳот хулоса пешниҳод менамояд; - фаъолияти ҳамкориҳои байналмилалии Кумитаро роҳандозӣ менамояд; - санадҳои меъёрии ҳуқуқии марбут ба забони давлатиро мураттаб месозад; - иҷрои консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои соҳаи забони давлатиро таъ-мин мекунад; - оид ба танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот пешниҳод манзур менамояд;

- лоиҳаи фарҳангҳои воридотиро дар ҳамкорӣ бо Шӯрои ҳамгунсозии истилоҳот баррасӣ намуда, хулоса пешниҳод менамояд; - натиҷаҳои татбиқи сиёсати давлатиро вобаста ба самтҳои фаъолият таҳлил намуда, ҷиҳати муайян намудани самтҳои асосии истилоҳот ва рушди забони давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод манзур менамояд; - масъалаҳои оид ба номгузории ташкилоту муассисаҳо, маҳалҳои аҳолинишин, номҳои ҷуғрофӣ, кӯчаву хиёбон ва дигар масъалаҳои марбут ба ин самтро мавриди баррасӣ ва омӯзиш қарор медиҳад; - барои ташкилу баргузории чорабиниҳои дахлдори соҳа ба дигар воҳидҳои сох-торӣ мусоидат менамояд. Шӯрои ҷумҳуриявии ҳамгунсозии истилоҳот дар асоси Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (5 октябри соли 2010), мутобиқи қарори ҳайати мушовараи Кумита аз 28.03.2011, №3/1 бо ҷалби зиёда аз 100 нафар донишмандони муассисаҳои илмию таълимӣ таъсис дода шудааст. Шӯро аз 3 гурӯҳ ва 20 бахш иборат аст. Ҳадаф аз таъсиси Шӯро танзим ва ҳамгунсозии истилоҳоти соҳаҳо буда, то имрӯз ҳайати Шӯро фарҳангномаҳои зиёди соҳавиро мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додааст.

**Баҳодиҳии муҳтаво:** 5

Баҳои миёна: 4.3 (3 овоз)

Rate

## Категория:

- Роҳбарият [3]

**Манбаъ::**http://kumitaizabon.tj/tg/content/sardori-shubai-tanzimi-istilokhot?mini=2025-05

**Пайвандҳо**
[1] http://kumitaizabon.tj/sites/default/files/field/image/ZulfoniyonR.png [2] mailto:kumitaizabon@mail.ru [3] http://kumitaizabon.tj/tg/category/rokhbariyat